КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-54, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783


№ 8955/9.1 аз «30» 06 соли 2017

Ба №________ аз «____»__________ соли 20___

**Мақомоти ҳудудии андоз**

*«Доир ба татбиқи дурусти муқаррароти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 майи соли 2017, №1423, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.05.2017, №388 тасдиқ шудааст, ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст.

«1. Дар моддаи 110:

«-ба қисми 1 банди 7) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7) Даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба мухлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «банди 6)» ба калимаҳои «бандҳои 6) ва 7)» иваз карда шуда, калимаҳои «тағйирёбии моликони корхона» хориҷ карда шаванд.

2. Ба қисми 4 моддаи 169 сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«-воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ, ва дигар иншооти сайёҳӣ). Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;».

**Моддаи 2** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2017 мавриди амал қарор дода шавад.»

Бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқарраароти Қонуни мазкур ва дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии он, Кумитаи андоз чунин дастур медиҳад.

1. Озодкунӣ аз андози фоида танҳо дар қисмати даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба ташкилотҳои сайёҳии то санаи 01.01.2017 фаъолияткунанда аз 01.01.2017 ва барои ташкилотҳои сайёҳии баъд аз санаи 01.01.2017 таъсис ёфта аз рӯзи бақайдгирин давлатӣ дар асоси ичозатнома оид ба фаъолияти сайёҳӣ татбиқ карда шавад.

Барои аз имтиёзи мазкур бархӯрдор шудани ташкилотҳои сайёҳӣ онҳоро зарур аст ба мақомоти андози маҳалли ҳисоботдиҳии худ нусхаи иҷозанома оид ба фаъолияти сайёҳиро тибқи ариза оиди татбиқи имтиёзҳо дар шакли тасдиқнамудаи Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Муҳлати татбиқи имтиёзи мазкур (5 сол) дар асоси ҳуҷҷатҳои дар боло қайдгардида дар мақомоти андоз ба қайд гирифта мешавад.

2. Озодкунӣ аз андози фоида ба ташкилотҳои сайёҳии то санаи 01.01.2017 фаъолияткунанда ва инчунин барои ташкилотҳои сайёҳии баъд аз санаи 01.01.2017 таъсис ёфта новобаста ба тағйирёбии моликони корхона дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дар банди боло қайдгардида ба муҳлати 5 сол татбиқ мегардад.

3. Озодкунии воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ, ва дигар иншооти сайёҳӣ) тибқи Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, микдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, ба роҳ монда шавад.

Дар сурати ғайри мақсаднок истифода шудани таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳии аз андоз аз арзиши иловашуда озод кардашуда (ба иншоотҳои дар Рӯйхат буда истифода нашуда ба дигар мақсадҳо истифода шуда бошанд), имтиёзи мазкур бекор карда шуда, андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри воридоти андозбандишаванда андозбандӣ карда шаванд.

4. Ташкилотҳои сайёҳиро зарур аст тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз пешбурди ҳисоботи чудогонаро доир ба фаъолияти сайёҳӣ ва дигар намуди фаъолият таъмин намоянд.

5.Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар асоси мактуби дастурии мазкур бо кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагони марбута семинар машваратҳо гузаронида, аз натичааш ҳар семоҳа ба Кумитаи андоз на дертар аз санаи 5-уми моҳи минбаъдаи семоҳаи гузашта ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намоянд.

Раис Н.Давлатзода